ХУЛОСАИ

комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Эмомализода Навруз Эмомалӣ дар мавзуи «Замонат дар ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.

1. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсияи номзадии Эмомализода Навруз Эмомалӣ дар мавзуи «Замонат дар ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон», яке аз мавзуҳои мубрам ва камтаҳқиқшуда дар илми ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Қайд кардан бамаврид аст, ки замонат яке аз институтҳои қадимаи ҳуқуқи граждани мебошад. Иттилоот оид ба замонат дар сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии замонҳои қадим инъикоси худро ёфта, дар кодификатсияи муосири ҳуқуқи граждании давлатҳои манбаи ҳуқуқи континенталӣ ҷойи намоёнро ишғол менамояд. Институти замонат бо гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибатҳои уфуқии пулию молӣ дар ҳуқуқи граждании мамлакат нақши муҳим пайдо намуда, дар ҳоли ташаккулу рушд қарор дорад. Айни замон, таҳлилҳои илмию амалии ҳуқуқи граждани нишон медиҳанд, ки мақоми ҳуқуқии замонат дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои нукоти баҳсталаб буда, мушкилотро дар татбиқ, таҷрибаи судӣ ва суди ҳакамӣ ба вуҷуд овардааст. Ин ҳолат ба талаботи рушди муносибатҳои молумулкӣ монеа эҷод мекунад. Аз ин рӯ, таҳлили паҳлулҳои баҳсталаби ин институти таъминӣ, ки воқеан ба муомилоти граждани ва татбиқи ҳуқуқҳои молумулкӣ дар алоқа бо тарзҳои таъминӣ таъсири самарабахш медиҳанд, саривақтӣ мебошад. Чунин ҳолат на танҳо боиси фаъолнокии бахши хусусӣ мегардад, балки барои бунёду такмили қонунгузории соҳавӣ низ замина мегузорад. Инчунин, рушди институти замонат дар қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ чун механизми махсуси соҳавӣ тақозои замон буда, дар ояндаи наздик метавонад ҳамчун варианти имконпазири таъмини гарав баромад намояд. Маҳз бо дарназардошти мубрамияти масъалаи мазкур диссертант масъалаҳои ҳалнашуда ва баҳсбарангези илмиро мавриди баррасӣ қарор дода, баҳри дар сатҳи дахлдор истифода шудани институти мазкур ва бо мақсади таъмини устувории фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда талаб мекунанд, дар робита ба

институти мазкур, қабули Қарори Пленуми Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодиро манзур намудааст.

Гуфтаҳои боло бори дигар шаҳодат аз он медиҳанд, ки дар замони муосир омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ ва амалиявии институти замонат дар ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам буда, саривақтӣ будани таҳқиқоти диссертатсионии диссертантро исбот менамоянд. Бинобар ин, таҳқиқи мавзуъ ва танзими мукаммали ҳуқуқии институти мазкур дар илми ҳуқуқи граждани ва ҳуқуқи соҳибкорӣ хеле мубрам мебошад. Дар таҳқиқот нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки онҳо дар замони муосир навгонии илмӣ ба ҳисоб мераванд. Натиҷа, хулоса ва тавсияҳои муаллиф оид ба институти замонат метавонад барои такмил додани қонунгузории амалкунанда дар самти мазкур, таҳияи барномаҳои таълимӣ, стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, раванди таълим, инчунин рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, фаъолнокии бахши хусусӣ, махсусан дар самти таъмини иҷрои ухдадорӣ ҳамчун институти ҳуқуқи граждани дар қонунгузорӣ ва таҷрибаи судии кишвар хизмат намуда, ба рушди дигар паҳлуҳои падидаи мазкур мусоидат намоянд.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33-35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикисгон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия кори илмӣ – тахассусии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, таҳти №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи фехристи ихтисосҳое, ки аз рӯи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати КОА-и назди Президенти ҶТ тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 16 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 12 мақола дар маҷаллаҳои такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дарачаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Эмомализода Н.Э. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дарачаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Эмомализода Н.Э. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61-и Низомномаи Шӯрои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Эмомализода Навруз Эмомалӣ, ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

- дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Меликов Умрилло Асадуллоевич;

- муовини директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ, номзади илмҳои ҳуқукшиносӣ Маҳмадшозода Фарҳод Абдураҳмон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия - муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор **Тағойназаров Ш.Т.**

Узви комиссия:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор **Сангинов Д.Ш.**

Узви комиссия:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент **Қурбонов Қ.Б.**